ФАДН РОССИИ
Федеральное агентство
по делам национальностей

# ДАСТУРИ МУХТАСАР БАРОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

**ФАДН РОССИИ**
Федеральное агентство
по делам национальностей

# ДАСТУРИ МУХТАСАР БАРОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

Бақайдгиии муҳоҷират

Гирифтани патент
барои кор

Шартномаи меҳнатӣ

Намудҳои ҷавобгарӣ

Дар Русия чӣ тавр
рафтор кардан

Ҳамаи шаҳрвандони хориҷӣ, ҳангоми вуруд ба Русия корти муҳоҷират мегиранд. Дар корти муҳоҷират мақсади омаданатонро беҳтараш “кор” интихоб кунед (аммо, ҳоло ин он қадар муҳим нест).

Пас шаҳрванди хориҷӣ бояд ба ҷое, ки ӯро қабул мекунанд, равона шавад.



**Муҳоҷиратро ба қайд гиред**



**Ҳуҷҷатҳоро омода созед**



**Шартнома бандед**

Шаҳрванди хориҷие, ки ба Русия меояд, бояд муҳоҷирати худро ба қайд гузорад.
Барои ин ба шумо чунин мӯҳлат ҷудо карда мешавад:
**30 руз** – барои шаҳрвандони ЕАЭС;
**15 руз** – агар шумо шаҳрванди Узбекистон ё Тоҷикистон бошед;
**7 руз** – барои шаҳрвандони кишварҳои дигар.

**Кӣ метавонад тарафи қабулкунанда бошад:**
– соҳиби хонаи зист;
– шахси ҳуқуқӣ;
– муассисаи давлатӣ ва ё ташкилоти байналхалқӣ, ки барои зист хона пешниҳод кардааст

Мӯҳлати эътибори корти муҳоҷират аз рӯи мӯҳлати будубоши шаҳрванди хориҷӣ дар Русия муайян карда мешавад.
Барои шаҳрвандони кишварҳои бераводид **то 90 рӯз** дар маҷмӯъ дар ҳар давра дар 180 рӯз ташкил медиҳад.

Пас аз тамом шудани ин мӯҳлат шумо метавонед бо асосҳои зерин мӯҳлати корти муҳоҷиратро дароз кунед:

– шартномаи меҳнатӣ (ба мӯҳлати то 1 сол);
– бо гирифтани иҷозатномаи кор ва дароз кардани мӯҳлати он;
– гирифтани патент, дароз кардани муҳлати он ва ё аз нав ба қайд гирифтани он;
– гирифтани иҷозатномаи истиқомати муваққатӣ ё иҷозатномаи истиқомат;
– барои гирифтани шаҳрвандии Федератсияи Русия ҳуҷҷат супоридан;
– иштирок дар барномаи кӯчонидани ҳамватанон;
– Бо сабаби вазъи саломатӣ аз кишвар берун шудан.

Барои ба қайд даровардани муҳоҷирати шумо ҷониби қабулкунанда ҳуҷҷатҳоро тайёр намуда, месупорад. Огоҳинома оиди омадани шумо ба ҷои будубош, дар муддати як рузи корӣ дида баромада мешавад.

Қисми буридашудаи огоҳинома оиди омадан, бо мӯҳри муассисае, ки онро қабул кард – ин ҳуҷҷати шаҳодатдиҳанда аз бақайдгирии шаҳрванди хориҷӣ мебошад.

**Патент барои кор – ин ҳуҷҷатест, ки:**

– ба шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ, ки ба Русия бидуни раводид омадааст, ҳуқуқ медиҳад зери дасти шахси воқеи ё ҳуқуқӣ кор кунад;
– танҳо аз рӯи касбе, ки дар он сабт шудааст, имкон медиҳад фаъолият намоед;
– танҳо дар он минтақаи Русия, ки гирифта шудааст, амал мекунад;
– ба шаҳрвандони хориҷие, ки синнашон ба 18 расидааст, дода мешавад.

Мӯҳлати амали патент барои кор маҳдуд мебошад – то 12 моҳ. Он бояд ба ҳар моҳи амалаш пардохт гардад. Агар патент саривақт пардохт нашавад – эътибори он қатъ мегардад!




**Омадан ба Русия**




**Тайёр кардани ҳуҷҷатҳо**




**Пардохти андоз**




**Супоридани ҳуҷҷатҳо**




**Гирифтани патент**




**Ба кор қабул шудан**

Мӯҳлати супоридани ҳуҷҷатҳо барои патент – 30 рӯз, аз лаҳзаи вуруд ба Русия мебошад (22 рӯз, агар ҳуҷҷатҳоятонро тавассути ташкилоти ваколатдор месупоред).

Патент барои кор дар муддати 10 руз, аз лаҳзаи супоридани ҳуччатҳо тайёр мешавад.

**Ҳуҷҷатҳо барои тайёр кардани патент:**

– ариза бирои гирифтани патент;
– шиноснома ва нусхаи он;
– сурати 3х4 см (ранга, норавшан).
– огоҳинома дар бораи бақайдгирии муҳоҷират (бақайдгирӣ (регистрация)) ва нусхаи он;
– тарҷумаи нотариалӣ тасдиқшудаи шиноснома ба забони русӣ;
– корти муҳоҷират бо мӯҳр оиди вуруд ва нусхаи он;
– шаҳодатномаи ташхиси тиббии шаҳрванди хориҷӣ;
– шаҳодатнома оиди набудани ВНМО (ВИЧ);
– шаҳодатномаи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ;
– шаҳодатнома оиди донистани забони русӣ;
– расид (квитансия) – и пешпардохти муқарраршуда барои патент (НДФЛ).

Бояд аз бақайдгирии дактилоскопӣ (изи ангушт) ва аксбардорӣ гузаред.

**Шартномаи меҳнатӣ** – созишномаи байни коргар ва корфармо, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дуҷонибаи онҳоро муқаррар мекунад. Чунин шартномаҳоро ҳам бо шахс ва ҳам бо ширкат бастан мумкин аст.

## Дар шартномаи меҳнатӣ бояд чунин шартҳо қайд шуда бошанд:

- **шартҳои пардохти меҳнат ва андозаи музди меҳнат.**
- **тартиб ва мӯҳлати пардохти музди меҳнат.**
- **Реҷаи вақти корӣ**
- **Имконияти иҷрои кор дар ташкилоти дигар**

## Ҳуқуқҳои коргар:

– аз иҷрои коре, ки ба ҳаёт ва саломатӣ хатарнок аст, даст кашад;
– коре, ки дар шартномаи меҳнатӣ зикр нашудааст, иҷро накунад;
– агар маош зиёда аз 15 рӯз ба таъхир афтад, корро боздорад. Барои ин, бояд ба корфармо хаттӣ ариза пешниҳод намояд;
– нусхаи шартномаи меҳнатӣ, варақаҳои музди меҳнат ва маълумотномаҳои музди меҳнатро талаб намояд.

**Ӯҳдадориҳои корфармо:**

– бе таъхир ва тарҳ музди меҳнати шуморо пардохт намояд;
– шароити кории бехатар ва вазифаи дар Шартномаи меҳнатӣ зикршударо фароҳам орад;
– мӯҳлати будубоши муваққатии шуморо дар минтақаи Русия ба мӯҳлати амали патент барои кор, дароз кунад;
– оиди дастурҳои вазифавӣ ва реҷаи қабулшудааш маълумот диҳад.

**Дар муддати 2 моҳ пас аз гирифтани патент, шартномаи меҳнатиро ба ВКД фиристодан зарур аст.**

**Ӯҳдадориҳои коргар:**

– шартҳои шартномаи меҳнатиро софдилона иҷро кунад;
– дар бораи аз кор озод шудан, корфарморо 14 рӯз пеш, хаттӣ огоҳ намояд;
– қоидаҳои реҷаи корӣ ва техникаи бехатариро риоя кунад;
– бо молу мулки корфармо эҳтиёткор бошад;
– аз вазъияте, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид мекунад, ба корфармо хабар диҳад.



**Вайрон кардани қонунгузории муҳоҷират:**
– дар қаламрави Русия беҳуҷҷат будан;
– вайрон кардани қоидаҳои бақайдгирии муҳоҷират;
– фаъолияти корӣ бе патент;
– фаъолияти корӣ бо патенте, ки дар минтақаи дигар / касби дигар ба расмият дароварда шудааст;
– риоя накардани мӯҳлати муқараргардида барои гирифтани патент;
– дар қаламрави Русия пас аз ба анҷом расидани мӯлати амали ҳуҷҷатҳо мондан.



**Ҷавобгарии маъмурӣ:**
– вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ;
– суханҳои қабеҳ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ;
– таҳқири шаҳрвандон.



**Ҷавобгарии ҷиноятӣ:**
– вайронкорӣ;
– таҷовуз ба номус;
– ба саломатӣ зарари вазнин ё миёна расонидан;
– дуздии мошин, роҳзанӣ, дуздӣ;
– тамаъҷӯӣ;
ва ғайраҳо

**Русия – давлати ҳуқуқбунёд мебошад ва дар ин ҷо қонунҳое амал мекунанд, ки онро ҳамагон бояд риоя кунанд.**
**Вобаста ба ванинии қонуншиканӣ, шумо метавонед бо намудҳои гуногуни ҷавобгарӣ рӯ ба рӯ шавед.**

|  |  |  | **Намудҳои ҷавобгарӣ барои қонуншиканӣ** |
|---|---|---|---|
| | ✓ | | Ҳабси маъмурӣ |
| | | ✓ | Ҳабс |
| ✓ | ✓ | | Ихроҷ аз Русия |
| ✓ | | ✓ | Депортатсия |
| | | ✓ | Маҳрум сохтан аз озодӣ |
| | | ✓ | Манъи вуруд ба Русия |
| | ✓ | | Корҳои ҳатмӣ |
| ✓ | ✓ | ✓ | Ҷарима |

**Ба қрнун итоат кунед**

Русия – давлатест, ки дар инҷо ҳамаи масъалаҳоро бо роҳи қонунӣ ҳал кардан мумкин аст: барои ин ришва додан, розӣ кардан, шиносбозӣ кардан лозим нест. То он вақте, ки мо ба қонунҳо риоя мекунем, ин қонунҳо дар ҳолатҳои душвор ба мо кӯмак мерасонанд.

**Калонсолонро эҳтиром кунед**

Дар Русия ба калонсолон гӯш кардан ва ба онҳо кӯмак кардан муқаррарӣ аст: ба насиҳатҳояшон гӯш кардан, дар навбат ё нақлиёт ҷой додан. Ин на танҳо ба синну сол, балки ба мақоми шахс низ дахл дорад. Агар шахсе, аз рӯи синну сол ва ё вазифа аз шумо калон чизе гӯяд – кӯшиш кунед, ки ба ӯ гӯш диҳед.

**Аз ҳар гуна эҳсосотҳо худдорӣ намоед**

Дар Русия мақоле ҳаст – “бахт хомуширо дӯст медорад”. Аммо, ин чунин нест, ки русҳо хурсандии худро нигоҳ доранд. Баръакс! Хурсандиро ба наздикони худ нишон додан муқаррарӣ аст. Ба дигарон донистан ширт нест – онҳо бо кору бор ва проблемаҳои худ банд астанд. Мумкин, шахси ношинос дар кӯча рӯҳафтода шавад, ки ӯ монанди шумо хушбахту хурсанд нест. Барои ҳамин ҳам эҳсосоти худро каме нигоҳ доред, то ки ба дигарон халал нарасонед.

**Хушмуомила бошед ва таёр бошед, ки кӯмак кунед**
Ҳар як шахс метавонад бо мушкилот рӯ ба рӯ гардад – аз ин ҷои гурез нест. Дар Русия одамон тайёранд ба касе набошад кӯмак кунанд, махсусан, агар бо муомилаи хуш кӯмак пурсед. Барои ҳамин, агар шумо ба вазъияти душвор рӯ ба рӯ шавед – метавонед аз атрофиён кӯмак пурсед, онҳо ҷавоби рад намедиҳанд. Танҳо бо муомилаи хуш, Шумо гуфта муроҷиат кунед – дар ин ҳолат ҳамааш хуб мешавад.

**Бароҳатии шахси бегонаро эҳтиром кунед**
Дар Русия фазои шахсӣ ва роҳатро хеле қадр мекунанд, барои ҳамин агар касе онро вайрон кунад, русҳо метавонанд норозӣ бошанд. Дар ҷойҳои ҷамъиятии Русия баланд сухан гуфтан, мусиқӣ гуш кардан, тела дода гузаштан ва ғайра беодобӣ ҳисоб мешавад. Кушиш кунед, ки чунин рафтор накунед ва мебинед, ки чӣ тавр рафтори атрофиён ба шумо дигар мешавад.

**Маданияти дигарро эҳтиром кунед**
Русия – кишвари сермиллат аст, ки маданиятҳои гуногун якҷоя шудаанд. Русҳо низ, тайёранд ба маданияти бегона боэҳтиром муносибат кунанд, танҳо агар шумо низ чунин кунед. Ҷашнҳо ва ёдгориҳои зиёде ҳастанд, ки барои мо хеле азизанд. Бо онҳо боэҳтиром муносибат кунед, он гоҳ урфу одатҳои шуморо низ ҳурмат мекунанд.

Хадамотҳои ВКД
оид ба масъалаҳои муҳоҷират

**112** – Хадамоти фаврии наҷотдиҳӣ

**101** – Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ
**102** – Пулис
**103** – Ёрии таъҷилии тиббӣ

ok.ru/fadnrf

vk.com/fadnrf

t.me/fadnrf

**fadn.gov.ru**